**ХУЛОСАИ**
**ШӮРОИ ДИССЕРТАТСИОНИИ 6D.КОА-030 НАЗДИ ДОНИШГОҲИ МИЛЛИИ ТОҶИКИСТОН**

**Парвандаи аттестатсионии №28**

**Қарори Шӯрои диссертатсионӣ аз 27.08.2021 с., тахти № 61**

Дар бораи ба Абдуллоев Ҷамшед Темурович, шаҳрванди Ҷумҳурии Тоҷикистон додани дараҷаи илмии номзади илмҳои таърих.

Диссертатсия дар мавзӯи «Таърихи ташаккули ҳамкориҳои Ҷумҳурии Тоҷикистон ва Ҷумҳурии Қирғизистон дар солҳои истиқлолият (солҳои 1991-2016)» барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои таърих аз рӯйи ихтисоси 07.00.15 – Таърихи муносибатҳои байналмилалӣ ва сиёсати хориҷӣ (илмҳои таърих), санаи 14-уми майи соли 2021, суратмаҷлиси №44 аз ҷониби Шӯрои диссертатсионии назди Донишгоҳи миллии Тоҷикистон (734025, Ҷумҳурии Тоҷикистон, ш. Душанбе, хиёбони Рӯдакӣ, 17, Фармоиши Комиссияи олии аттестатсионии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 03.03.2020 с., тахти №63) ба ҳимоя қабул карда шудааст.

Унвонҷӯ, Абдуллоев Ҷамшед Темурович, соли таваллудаш 1985, соли 2007 Донишгоҳи давлатии миллии Тоҷикистонро бо ихтисоси «муносибатҳои байналхалқӣ» хатм намудааст. Дар давраи таҳияи диссертатсия дар кафедраи минтақашиносии хориҷии факултети муносибатҳои байналхалқии Донишгоҳи миллии Тоҷикистон ба ҳайси ассистент ва аз соли 2019 ба ҳайси муаллими калон фаъолият менамояд.

Солҳои 2012-2015 аспиранти кафедраи муносибатҳои байналхалқии факултети муносибатҳои байналхалқии Донишгоҳи миллии Тоҷикистон маҳсуб меёфт (фармоиш дар бораи қабул аз 05.01.2012 с., тахти №07-05).

Диссертатсия дар кафедраи муносибатҳои байналхалқии факултети муносибатҳои байналхалқии Донишгоҳи миллии Тоҷикистон иҷро шудааст.

Мавзӯи диссертатсия дар ҷаласаи Шӯрои олимони факултети муносибатҳои байналхалқии Донишгоҳи миллии Тоҷикистон аз 15-уми марти соли 2012, суратмаҷлиси № 6 тасдиқ шудааст.

**Роҳбари илмӣ** – доктори илмҳои таърих, профессори кафедраи минтақашиносии хориҷии факултети муносибатҳои байналхалқии Донишгоҳи миллии Тоҷикистон Олимов Музаффар Абдуваққосович.

**Муқарризони расмӣ:**

**Набиев Ваҳоб Машрафович** – доктори илмҳои таърих, профессори кафедраи таърихи Ватан ва археологияи Донишгоҳи давлатии Хуҷанд ба номи Б. Ғафуров;

**Бобозода Фаридун Толибҷон** – номзади илмҳои таърих, дотсент, директори Пажӯҳишгоҳи равандҳои сиёсӣ, дипломатия ва масоили ҷаҳонишавӣ, дотсенти кафедраи дипломатия ва муносибатҳои байналмилалии АИД назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон.

**Муассисаи пешбар** – Донишгоҳи давлатии омӯзгории Тоҷикистон ба номи С. Айнӣ (ш. Душанбе, хиёбони Рӯдакӣ, 121) дар тақризи мусбати худ, ки аз ҷониби мудири кафедраи Таърихи умумии Донишгоҳи давлатии омӯзгории Тоҷикистон ба номи С. Айнӣ, номзади илмҳои таърих, дотсент Сайнаков С.П. имзо ва аз ҷониби Ректори Донишгоҳи давлатии омӯзгории Тоҷикистон ба номи С. Айнӣ, доктори илмҳои таърих, профессор Ғаффорӣ Н.У. тасдиқ шудааст, қайд менамояд, ки диссертатсияи Абдуллоев Ҷамшед Темурович дар мавзӯи «Таърихи ташаккули ҳамкориҳои Ҷумҳурии Тоҷикистон ва Ҷумҳурии Қирғизистон дар солҳои истиқлолият (солҳои 1991-2016)» аз рӯйи мубрамият, навгонии илмӣ, аҳамияти назариявӣ ва амалӣ доштанаш сазовори баҳои мусбат буда, ба бандҳо 10-12, 14 ва 16-и Тартиби додани дараҷаҳои илмӣ ва унвони илмӣ (дотсент, профессор), ки бо Қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 26 ноябри соли 2016, таҳти №505 тасдиқ шудааст, ҷавобгӯ мебошад. Нуктаҳои илмӣ ва натиҷаҳои диссертатсия саҳеҳ ва асоснок буда, ба ихтисоси 07.00.15 – Таърихи муносибатҳои байналмилалӣ ва сиёсати хориҷӣ (илмҳои таърих)

мувофиқат мекунад ва муаллифи он сазовори дарёфти дарачаи илмии номзади илмҳои таърих мебошад.

Интихоби муқарризони расмӣ ва муассисаи пешбар бо он асоснок карда мешавад, ки онҳо аз рӯйи ихтисоси 07.00.15 – Таърихи муносибатҳои байналмилалӣ ва сиёсати хориҷӣ (илмҳои таърих) дар сатҳи дахлдор таҳқиқоти илмӣ анҷом додаанд ва корҳои илмӣ-таҳқиқотии онҳо ба масъалаҳои таърихии ҳамкориҳои байнидавлатии кишварҳои Осиёи Марказӣ ва самтгирии сиёсати хориҷии давлатҳои минтақа алоқамандӣ доранд.

Унвонҷӯ вобаста ба мавзӯъ 6 мақолаи илмӣ дар маҷаллаҳои тақризшавандаи КОА-и назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон ба табъ расонидааст. Интишороти унвонҷӯ нуктаҳои асосӣ, натиҷа ва мазмуни диссертатсияро инъикос намуда, саҳми шахсии муаллифро дар самти пажӯҳиши ҳамкориҳои байнидавлатии Ҷумҳурии Тоҷикистон бо Ҷумҳурии Қирғизистон дар даврони истиқлолият (1991-2016) нишон медиҳанд.

**Муҳимтарин интишороти аспирант аз рӯйи мавзӯи диссертатсия:**

[1-М] Абдуллоев, Ҷ. Т. Махсусияти ҳамкориҳои Тоҷикистон бо Қирғизистон дар солҳои 2001-2008 [Матн] /Ҷ. Т. Абдуллоев, Ш. Шарипова //Паёми ДМТ. – 2017, №3/2. – С. 92-95.

[2-М] Абдуллоев, Дж. Т. Из истории таджикско-кирғизских отношений в области культуры и литературы [Текст] /Дж. Т. Абдуллоев, Н. Файзов //Вестник ТНУ. – 2017, часть II, №3/7. - С. 87-90.

[3-М] Абдуллоев, Ҷ. Т. Нақши Қирғизистон дар танзими низои байни тоҷикон [Матн] /Ҷ .Т. Абдуллоев //Паёми ДМТ. – 2018, №9. - С. 81-84.

[4-М] Абдуллоев, Ҷ. Т. Назаре ба таърихи шаклгирӣ ва рушди муносибатҳои дуҷонибаи Ҷумҳурии Тоҷикистон бо Ҷумҳурии Қирғизистон дар даврони истиқлолият [Матн] /Ҷ. Т. Абдуллоев //Паёми ДМТ. – 2019, №1. - С. 104-111.

[5-М] Абдуллоев, Ҷ. Т. Ҷанбаҳои гуманитарии ҳамкориҳои байналмилалии Ҷумҳурии Тоҷикистон бо кишварҳои минтақа [Матн] /Ҷ. Т. Абдуллоев, Х. Д. Самиев //Паёми ДМТ. – 2019, қисми I, №5. - С. 41-47.

[6-М] Абдуллоев, Ҷ. Т. Ташаккули сарҳади Тоҷикистон ва Қирғизистон дар замон шӯравӣ [Матн] /Ҷ. Т. Абдуллоев, С. Анвари //Паёми ДМТ. – 2020, №6. - С. 99-103.

**Ба автореферати диссертатсия аз ҷониби шахсони зерин тақризҳо навишта шуда, ба Шӯрои диссертатсионӣ ворид шудаанд:**

Аз ҷониби номзади илмҳои таърих, дотсенти кафедраи иқтисоди ҷаҳон ва тиҷорати байналмилалии Донишгоҳи давлатии молия ва иқтисоди Тоҷикистон Ф. Темуров; номзади илмҳои таърих, директори Маркази мероси хаттии назди Раёсати Академияи миллии илмҳои Тоҷикистон Р. Давлатов; номзади илмҳои сиёсӣ, сардори Раёсати омӯзиши масъалаҳои амнияти минтақавии Маркази тадқиқоти стратегии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон Х. А. Додихудоев.

Ҳамаи тақризҳо мусбат буда, дар онҳо баъзе эродҳои хусусияти тавсиявӣ ва баҳснок манзур шудааст, ки дар таҳқиқоти минбаъдаи илмӣ ба инобат гирифта мешаванд.

**Шӯрои диссертатсионӣ қайд менамояд, ки дар натиҷаи таҳқиқоти диссертатсионии унвонҷӯ:**

- истиқрор ва ташаккули ҳамкории ҷонибҳо баъди истиқлолияти давлатӣ мавриди омӯзиши ҳамаҷониба қарор гирифтанд;
- таҳаввули ҳамкории Ҷумҳурии Тоҷикистон ва Ҷумҳурии Қирғизистон дар солҳои 2001-2016 баррасӣ шуданд;
- масъалаҳои сарҳадӣ ва мушкилиҳои марбут ба он дар муносибатҳои Ҷумҳурии Тоҷикистон ва Ҷумҳурии Қирғизистон ошкор гардиданд;
- самтҳои асосии ҳамкориҳои иқтисодӣ-тиҷоратии Ҷумҳурии Тоҷикистон ва Ҷумҳурии Қирғизистон дар солҳои 1991-2000 муайян шуданд;

- ташаккул ва дурнамои ҳамкориҳои иқтисодӣ-тиҷоратии Ҷумҳурии Тоҷикистон ва Ҷумҳурии Қирғизистон дар оғози асри XXI таҳлил гардиданд;
- ҳамкориҳои фарҳангӣ-гуманитарии Ҷумҳурии Тоҷикистон ва Ҷумҳурии Қирғизистон (солҳои 1991-2000) мавриди арзёбии амиқ қарор гирифтанд;
- рушди ҳамкориҳои фарҳангӣ-гуманитарии Ҷумҳурии Тоҷикистон ва Ҷумҳурии Қирғизистон дар солҳои 2001-2016 баҳодиҳӣ шуд;
- аз мазмун ва мундариҷаи диссертатсия барои рушди ҳамкории мутақобила ва ҳалли мушкилоти ҷойдошта дар муносибатҳои Ҷумҳурии Тоҷикистон ва Ҷумҳурии Қирғизистон хулосаю тавсияҳо пешниҳод карда шуданд.

**Асосҳои назариявӣ ва методологии таҳқиқотро** назарияи дипломатия ва муносибатҳои байнидавлатӣ, инчунин созишномаҳои дуҷониба ва бисёрҷонибаи байнидавлатӣ миёни Ҷумҳурии Тоҷикистон ва Ҷумҳурии Қиргизистон, натиҷаҳои таҳқиқоти илмии соҳа, мақолаву монографияҳои илмӣ ва дигар манбаъҳои интишорот ташкил менамояд.

Ҳангоми таҳияи диссертатсияи мазкур, асосан аз методҳои таърихӣ, системавӣ ва таҳлилӣ-муқоисавӣ, ҳисоби оморӣ, таснифи фактҳо ва ҳодисаву ҳолатҳо истифода шудаанд. Истифодаи ин методҳо ба мақсади арзёбии дурусти тағйироти бунёдӣ дар минтақа ва ҷаҳон, муайян кардани омилҳои барқарор ва инкишофи муносибатҳои Ҷумҳурии Тоҷикистон бо Ҷумҳурии Қирғизистон амалӣ гардид.

**Аҳамияти назариявии диссертатсия** дар истифодаи натиҷаҳои он дар илми таърихи ватанӣ ва ҳангоми навиштани китобу мақолаҳои марбут ба таърихи истиқлолияти сиёсӣ ва ташаккули муносибатҳои Тоҷикистон бо кишварҳои минтақа, монографияҳо, маводи таълимӣ оид ба сиёсати хориҷӣ ва муносибатҳои байналхалқӣ инъикос меёбад.

**Аҳамияти амалии диссертатсия.** Муҳтавои диссертатсияро метавон дар раванди таълими курсҳои махсуси «Таърихи сиёсати хориҷии Ҷумҳурии Тоҷикистон», «Ҳамкориҳои Ҷумҳурии Тоҷикистон бо Ҷумҳурии Қирғизистон» ва инчунин курсҳо оид ба марҳилаҳои ташаккули масъалаи сарҳадӣ дар

ҳамкориҳои Ҷумҳурии Тоҷикистон бо кишварҳои минтақа дар мактабҳои олӣ ва касбӣ тадрис намуд.

**Баҳои саҳеҳнокии натиҷаҳои таҳқиқот ошкор намуд, ки:**

– асосҳои назариявии таҳқиқотро корҳои илмии олимон ва муҳаққиқоне, ки дар шакли монография, дастури таълимӣ ва мақолаҳои илмӣ чоп карданд, ташкил менамояд. Илова бар ин, Паёмҳои Пешвои миллат, Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон, махзанҳои электронии интернетӣ, сомонаҳои расмии вазорату идораҳои дахлдори соҳавӣ низ ҳамчун асосҳои назариявии фаъолияти таҳқиқотӣ мавриди истифода қарор гирифтаанд. Ҳамзамон эъломия ва баёнияҳои муштарак, аҳднома ва созишномаҳои байнидавлатӣ ва санадҳои меъёрӣ-ҳуқуқиро ба ин гурӯҳ метавон дохил намуд;

– натиҷаҳои таҳқиқот дар навиштани китобҳои дарсӣ, монография, хондани курсҳои махсус аз фанни таърихи ватанӣ ва муносибатҳои байналмилалии Тоҷикистон дар замони муосир, роҳҳои самаранокии рушди муносибатҳои Тоҷикистону Қирғизистон дар қаринаи тағйирёбии низоми геополитикии минтақа ва ҷаҳон, инчунин фаъолияти пурсамари Вазорати корҳои хориҷии Ҷумҳурии Тоҷикистон  дар самти Қирғизистон хеле муҳим арзёбӣ мегардад.

Саҳми шахсии муаллиф дар таҳия, коркард ва таҳлили ҳамаҷонибаи мавзӯи таҳқиқоти диссертатсионӣ маҳсули фаъолияти муҳаққиқ буда, тамоми марҳилаҳои иҷрои таҳқиқоти диссертатсионӣ бо иштироки бевоситаи муҳаққиқ амалӣ карда шудаанд. Саҳми муаллиф дар пешниҳоди роҳҳои тавсеаи ҳамкориҳои мутақобилаи кишварҳо, ҳалли мушкилиҳои сарҳадӣ ва умқи ҳамкории кишварҳо дар чаҳорчӯбаи равандҳои ҳамгироии минтақавӣ инъикос меёбад.

Дар ҷаласаи 27-уми августи соли 2021 Шӯрои диссертатсионӣ дар бораи сазовор донистани Абдуллоев Ҷамшед Темурович барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои таърих қарор қабул намуд.

Ҳангоми гузаронидани овоздиҳии пинҳонӣ аз 16 нафар аъзои Шӯрои диссертатсионӣ 13 нафар иштирок доштанд, ки аз онҳо 5 нафарашон доктороні илм аз рӯйи ихтисоси диссертатсияи баррасишаванда мебошанд. Аз 13 нафар аъзои Шӯрои диссертатсионии дар ҷаласа иштирокдошта овоз доданд: ба тарафдории додани дараҷаи илмӣ 13 нафар, муқобили додани дараҷаи илмӣ - нест, бюллетенҳои беэътибор - нест.

**Раиси Шӯрои диссертатсионӣ,**
**доктори илмҳои фалсафа, профессор** **Ҷононов С.**

**Котиби илмии Шӯрои диссертатсионӣ,**
**номзади илмҳои сиёсӣ, дотсент** **Раҷабов И.Ш.**

**27 августи соли 2021**